# ФҚХ “ФОНДИ БОЗТАМВИЛ”

**12 марти соли 2021**

# ТАЪРИХИ ТАЪСИСЁБИИ ФОНД

Июн, соли 2017

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бонки Осиёгии Рушд

ADB

KFW

Бонки Рушди Германия (Kreditanstalt für Wiederaufbau /KfW).

# МАҚСАД

- Пешниҳод намудани хизматрасониҳои молиявӣ бо пули миллӣ (сомонӣ) ба ташкилотҳои қарзии аз тарафи Бонки Миллии Тоҷикистон танзимшаванда;
- Мусоидат намудан ба соҳибкорӣ ва пурзӯр намудани низоми молиявии дар минтақаҳои деҳот;
- Мусоидат намудан ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани шуғл ва васеъ намудани имконияти дастраси аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ба дастрасии молиявӣ, аз ҷумла фаъолияти қарзӣ.

# ҲАДАФ

- Саҳм дар густариши дастрасии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ба хизматрасониҳои молиявӣ, рушди соҳибкорӣ ва таҳкими бахши маблағгузории хурд дар Тоҷикистон.

REFINANCING FUND

# ШӮРОИ ПАРАСТОРОН МАҚОМИ ОЛИИ ИДОРАКУНИИ ФОНД МЕБОШАД.

Шӯрои парасторони Фонд аз намояндагони зерин иборат аст:

- Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Намояндагии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Шӯрои ҳамоҳангсозии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / KfW
- Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон

ФОНДИ БОЗТАМВИЛ
REFINANCING FUND

Таърих
Ҳадаф ва мақсад
Идоракунӣ
Принсипҳои ҳамкорӣ
Маҳсулоти қарзӣ
Дороиҳо ва сармояи худӣ
Сандуқи қарзӣ

Мақоми иҷроияи Фонд Раёсат мебошад.

Директор / Раиси Раёсат

Директори амалиётӣ

Директори молиявӣ

Кумитаҳои зерин дар Фонд амал мекунанд:

ФОНДИ БОЗТАМВИЛ

## Кумита оид ба идоракунии хавфҳо

- Кумитаи мазкур мақсад, вазифаҳо, ӯҳдадориҳои асосӣ, тартиби кор, тартиби қабул ва соқит кардани қарорҳо, таркиби идоракунии хавфҳои Кумитаро муаяйн мекунад;

## Кумитаи қарзӣ

- Мақоме, ки барои қабули қарор оид ба қарзҳо масъул мебошад;

## КИДУ (ALCO)

- Мақоми доимоамалкунандаи корпоративӣ, ки сиёсати ягонаро дар идоракунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо татбиқ менамояд.

## Принсипҳои ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзӣ

- Фонд омода аст, ки бо он ташкилотҳои қарзӣ ҳамкорӣ кунад, ки ба талаботҳои зерин мутобиқат мебошанд:
- нишон додани нуфузу эътибори беҳтарин, дорои таърихи хуби қарзӣ, риояи меъёрҳои мақбули Бонки миллии Тоҷикистон;
- пешбурди фаъолияти бонкӣ дар бозори молиявии Тоҷикистон на камтар аз 36 моҳ.
- дорои сандуқи қарзии ташаккулёфта бо талаботҳои зерин:
- шумораи қарзгирандагон бояд на камтар аз 1200 муштарӣ бошад;
- маблағи миёнаи қарз барои ҳар як қарзгиранда бояд аз 2 000 то 100 000 сомонӣ бошад;
- таҷаммӯи сандуқи қарзӣ аз рӯи соҳаҳо бояд оқилона бошад;
- тақсимоти сандуқи қарзӣ дар савдо ва тиҷорат набояд, ки аз 50% -и маҷмӯи сандуқ зиёд бошад;
- ҳиссаи маблағгузорӣ дар деҳот / бахши кишоварзӣ дар сандуқи қарзӣ бояд, ки аз 20% кам дар сандуқи қарзиро ташкил надиҳад;
- тақсимоти сандуқи қарзӣ барои дигар бахшҳои алоҳида набояд аз 45%-и ҳаҷми умумии сандуқ зиёд бошад;
- ҳиссаи қарзҳои батаъхирафтода зиёда аз 30 рӯз дар сандуқи қарзии ташкилоти қарзӣ аз 12 фоизи сандуқи қарзӣ зиёд набошад.

ФОНДИ БОЗТАМВИЛ
REFINANCING FUND

# Принсипҳои ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзӣ

**Шарикӣ бо Фонди бозтамвил имкон медиҳад, ки мизоҷон – ташкилотҳои қарзӣ тағйироти зерин ба даст оваранд, ки тамоюли мусбат доранд:**

- ✓ фаъолсозии самти дастгирӣ ва маблағгузории соҳибкорони хурд, хурдтарин ва миёна;
- ✓ афзоиши сандуқи қарзӣ бо пули миллӣ (сомонӣ);
- ✓ паст шудани арзиши захираҳои қарзӣ;
- ✓ идоракунии хавфҳои асъории худ (hedging);
- ✓ баланд бардоштани рақобат аз ҳисоби паст шудани фоизҳои маҳсулоти қарзии пешниҳодшуда.

ФОНДИ БОЗТАМВИЛ
REFINANCING FUND



# Принсипҳои ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзӣ



Роҳбарияти ФҚХ «Фонди бозтамвил» дастур ва супоришҳои Ассосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро пайравӣ менамояд, ки чунин қайд гардидаанд:

- ✓ Низоми молиявӣ ва бонкии кишвар, ҳамчун омили муҳими рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон, бояд ба афзалиятҳои кишвар ва ба манфиати ҷомеа равона шуда, барои бо сармоя таъмин намудани соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, ҳавасманд гардонидани соҳибкорону тоҷирон ва умуман, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ дар ҷомеа, ташкили ҷойҳои корӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ хизмат намояд;
- ✓ Роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ бояд дар самти паст намудани фоизи қарзҳо корбарӣ намуда, ҷиҳати осон намудани дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба воситаҳои молиявӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Дар фаъолияти худ ва дар муносибат бо шарикон / ташкилотҳои қарзӣ, Фонд чунин принсипҳоро нисбат ба қарзгирандагони ниҳоии захираҳои қарзии худ риоя мекунад:

Маҳсулоти қарзӣ ва усулҳои пешниҳоди онҳо бо назардошти хусусиятҳои муштариён (қарзгирандагони ташкилотҳои қарзӣ) таҳия шудаанд.

Маҳсулоти қарзӣ ҳам ба ташкилотҳои қарзӣ ва ҳам ба қарзгирандагони ниҳоии онҳо зиён нарасонидааст.



Таърих · Ҳадаф ва мақсад · Идоракунӣ · **Принсипҳои ҳамкорӣ** · Маҳсулоти қарзӣ · Дороиҳо ва сармояи худӣ · Сандуқи қарзӣ

## Намудҳои қарз

- Қарзҳои яквақтаина пешниҳодшаванда;
- Маблағгузорӣ дар шакли хати қарзӣ;
- Қарзҳо, ки бо траншҳо дода мешаванд.

## Мӯҳлати қарз

- Қарзҳои кӯтоҳмуддат– то 1 сол;
- Қарзҳои миёнамӯҳлат– аз 1 то 3 сол;
- Қарзҳои дарозмӯҳлат– аз 3 то 5 сол.

## Меъёри фоизҳо

- Қарзҳо бо фоизҳои муқарраршуда (собитгашта);
- Қарзҳо бо фоизҳои шинокунанда.

## Ҷадвали пардохти қарз

- Қарзҳо бо пардохти ҳармоҳаи фоизҳо ва баргардонидани қисми маблағи асосии қарз ҳар семоҳа;
- Қарзҳо бо ҷадвали пардохти ивазшаванда;
- Қарзҳо бо мӯҳлати имтиёзноки пардохт.

ФОНДИ БОЗТАМВИЛ

REFINANCING FUND

# Раҳмат ба диққататон!